Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-045 назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров (735700, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1, http://www.hgu.tj)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзуи «Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.09 - Усулҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт пешниҳод шудааст.**

## 1. Мубрамии тадқиқоти гузаронидашуда

Амсиласозии равандҳо ва рушди соҳаи сайёҳӣ яке аз муҳимтарин ҷанбаъҳои қолиби илмӣ мебошад, ки дар ин самт махсусиятҳои гуногуни иқтисодӣ, сиёсӣ, ҷуғрофӣ ва маданию маишӣ ба назар гирифта мешаванд. Такомули рушди низоми идоракунии соҳаи сайёҳӣ, тиҷорати сайёҳӣ, маҷмааи сайёҳии минтақа аз татбиқи дастгоҳи иқтисодӣ-математикӣ ва амсиласозии эконометрикӣ вобаста буда, рақобатпазирӣ, тағйирёбии муносибатҳои иқтисодӣ ва имкониятҳои созандаро тақозо дорад.

Соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2018-ро соли «Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва ҳамчунин солҳои минбаъда 2019-2021-ро «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон намуданд. Дар ин замина, пешрафти босамари соҳаи сайёҳӣ дар иқтисоди минтақаҳои ҷумҳурии соҳибистиқлол новобаста аз пандемия COVID-19 бештар ба назар расиданд.

Омилҳо ва шароитҳои дар боло зикргардида муҳимият ва аҳамияти диссертатсияи унвонҷӯро тасдиқ менамояд. Гузориши муҳимияти мавзуи таҳқиқот мушаххас ва муҳтавои диссертатсия, фарогири фармонҳо ва

қарорҳои Ҳукумати кишвар, барномаҳо стратегияи рушди соҳаи сайёҳӣ, бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф, Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон- ро дарбар гирифта қобили истиқбол мебошад. Чунончӣ, дар саҳифаи 4 ва 5 омадааст, ки дар шароити ҳозира сайёҳӣ дар ҷаҳон яке аз соҳаҳои рушди босамари иқтисодӣ ва сердаромад маҳсуб меёбад.

Сайёҳӣ ба сифати яке аз омилҳои муҳим дар баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва рушди иҷтимоию фарҳангӣ хидмат менамояд. Он ҳамчун воситаи муосири ҳавасмандии рушди иҷтимоию иқтисодӣ имкон медиҳад, ки вазифаҳои сайёҳӣ дар сатҳи минтақавӣ ва миллӣ васеъ истифода шавад. Дар ҳудуди минтақаҳои мушаххас, пеш аз ҳама, вазифаҳои сайёҳӣ зоҳир мешавад. Имкониятҳои инкишофи минтақаро маҳз шароити захираҳои табиии он муайян мекунад.

Консепсияи рушди устувор аз муҳимтарин тамоюлҳои бахши сайёҳӣ-рекреатсионии ҷаҳонӣ мебошад. Консепсияи рушди устувор имкон медиҳад, ки ихтилофи қонеъ гардонидани талаботи сайёҳон аз байн бурда шавад. Ин кор боиси рушди босуръати сайёҳӣ мегардад ва миқдори маҳдуди захираҳои табиӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии мавзеъҳои қабулкунанда дар ҳолати бадшавии муҳити зист ҳал карда мешавад.

Вобаста ба ин, масъалаҳои тадқиқи суръат ва самти рушди сайёҳӣ дар минтақаҳо ва таъмини асосноккунии илмию методии иқтисоди он дар шароити норасоии шадиди захираҳо ва сармоя аҳамият пайдо менамояд. Танҳо дар асоси амсилаҳои дақиқи иқтисодӣ ва риёзӣ натиҷаи боэътимоди миқдории оптималӣ гардонидани рушди бозори минтақавии сайёҳӣ ва макони сайёҳии борақобат ва стратегияҳои танзими давлатии соҳаи сайёҳӣ бо назардошти арзиши хароҷот барои ҳифзи захираҳои табиӣ ва манфиатҳои ҳамавақта ва хусусӣ аз фаъолияти сайёҳӣ ба даст оварда мешавад. Ҳадаф аз иқдоми рушди соҳаи сайёҳӣ, муаррифии муносиби имкониятҳои сайёҳӣ ва фарҳанги миллии кишвар дар арсаи байналмилалӣ, ҷалби сармоя ба

инфрасохтори сайёҳӣ ва мусоидат ба эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ мебошад.

Истифодаи сайёҳӣ имкон медиҳад, ки самтҳои мухталифи иқтисоди миллии кишвар такмил дода шавад. Дар бисёре аз кишварҳо соҳаи сайёҳӣ дар ташаккули маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, таъмини шуғли аҳолӣ ва баланд бардоштани мувозинати савдои хориҷӣ нақши муҳим мебозад. Соҳаи сайёҳӣ ба чунин соҳаҳои асосии иқтисодиёт, ба монанди нақлиёт ва алоқа, сохтмон, хоҷагии қишлоқ, истеҳсоли молҳои истеъмолӣ ва ғайра таъсири калон мерасонад, яъне ҳамчун як навъи нишондоди тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ баромад мекунад. Ин аҳамияти тадқиқоти диссертатсиониро бештар месозад.

**2. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм.**

Диссертатсияи Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзуи «Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба банди 1.4. Таҳия ва тадқиқи амсилаҳо ва усулҳои математикии таҳлили равандҳо ва системаҳои микроиқтисодӣ: соҳаҳои иқтисоди миллӣ, муассисаҳо ва корхонаҳо, механизмҳои ташаккули талабот ва таклифҳо, бозорҳо, роҳҳои баҳо додани миқдорӣ ба хавфҳои соҳибкорӣ ва асоснок кардани қарорҳои инвеститсионӣ; банди 1.9. Таҳия ва такмили усулҳо ва амсилаҳои математикӣ ва пешгӯии таҳлили рушди равандҳои иҷтимоию иқтисодии ҳаёти ҷамъиятӣ: бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, равандҳои демографӣ, сифати зиндагии аҳолӣ ва ғайраи шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ихтисоси 08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт мувофиқ мебошад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои диссертасия ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод гардидаанд, аз ҷиҳати гузориш ва

тартиб муҳтавои мундариҷа, қисми асосии диссертатсияро тавсиф менамояд, ки дар саҳифаҳои (8-9) диссертатсия ва автореферат илман асоснок возеҳ иншо гардидааст.

Навоварии илмии тадқиқот дар коркард ва ассосноккунии мукамалгардонии амсиласозии математикию иқтисодии рушди маҷмааи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рақамигардонии иқтисодӣ мебошад. Натиҷаҳо ва навовариҳои муҳимтарини илмии бадастовардаи муаллиф инҳоянд:

- асосноккунии илмии мухтавои маҳфумҳои сайёҳӣ ва маҳсулоти сайёҳӣ аз нуқтаи назари истеҳсолгар ва истеъмолгар;
- тавсифоти амсилаҳои математикӣ ва иқтисодии оптималӣ гардонидани маҷмааи сайёҳӣ ва самтҳои такмили афзорӣ дар рушди сайёҳии минтақавӣ. Амсилаҳои иқтисодӣ – математикӣ ва усулҳои математикӣ дар натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқ барои ҳалли масъалаҳои мушаххаси рушд ва амалкарди усулҳои истироҳатӣ, солимгардонӣ, маҷмуҳои сайёҳӣ асоснок пешниҳод шудааст;
- асоснок намудани унсурҳои бозор дар соҳаи фаъолияти сайёҳӣ бо мақсади таҳияи амсила ва коркарди меъёрҳои иқтисодии рушди оптималӣ гардонидани маҷмааи сайёҳӣ. Натиҷаи ислоҳоти иқтисодӣ ва дар бахши сайёҳӣ ҷой доштани таъсири омилу нишондиҳандаҳои зиёд арзёби гардида, меёрҳои беҳтарин таҳияи амсилаҳои иқтисодию математикиро муйаян карда шудааст;
- тавсифи математикии гузориши масъалаи рушди соҳаи сайёҳӣ, ҷолибияти сармоягузорӣ, таъсир ва тақсимоти он ба рушди соҳаҳои алоҳидаи саноати сайёҳӣ. Ташаккули маблағҳои инвеститсионӣ, шартҳои дастрас шудан ба онҳо, вариантҳои тақсимоти он аз рӯйи вақт, аз рӯйи самтҳо ва объектҳо, аз ҷумла маблағҳои худӣ дар шакли як қисми фоидаи аз нав инвеститсияшуда ба комплекси сайёҳиро амсилаи иқтисодию математикии оптималӣ гардонидани маҷмааи сайёҳии пешниҳодшуда дар пуррагӣ дар бар мегирад;

- инкишофи амсилаи динамикии рушди маҷмӯи сайёҳӣ, ки маҷмӯи хизматрасониҳо ва ҷараёни ташаккули онро дар бозори маҳсулоти сайёҳӣ ба инобат мегирад. Вобаста аз манбаъҳои сармоягузорӣ тақсимоти маблағҳоро барои рушди комплекси сайёҳӣ ва аз нав сармоягузории фоидаи овардашударо дар соҳаи сайёҳӣ таъмин менамояд;

- пешниҳод ва асоснок намудани нақшаи ташаккули сиёсати давлатии рушди сайёҳӣ бо истифода аз банақшагирии стратегӣ мебошад. Иқтидори азими сайёҳии Тоҷикистон ва вазъи воқеии маҷмааи сайёҳӣ ташаккули чунин сиёсатро ба зарурат табдил додааст. Аз ин лиҳоз, дар марҳалаи муосири рушди иқтисодиёт дар Тоҷикистон тадбирҳои асосии дастгирии давлатии инкишофи маҷмааи сайёҳӣ коркард ва пешкаш шудааст.

Қобили қайд аст, ки навгониҳои илмии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастовардашуда мавқеи илмии унвонҷӯро муайян намуда, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро дар сатҳи таҳқиқот бо муҳимтарин навгониҳо фаро мегиранд, ки дар онҳо исботи натиҷаҳои амалии кори ӯнвоҷу ифода гашта, баҳои воқеии кори ӯро дар бар мегиранд, саҳифаҳои (9-10).

Барои оптимиалӣ гардонидани рушди маҷмааи сайёҳии минтақавӣ муаллиф амсилаи математикии иқтисодӣ ва алгоритми татбиқи онро таҳия ва пешниҳод намудааст. Амсилаи пешниҳодшудаи ҷолибияти сармоягузорӣ ба иншооти мавҷуда ва нав ба истифода додашавандаро ба пурагӣ инъикос менамояд. Дар асоси тавозуни талаботи ҷойдошта ва иқтидорҳои ҷойдошта ва аз нав воридшаванда имкон медиҳад, ки ҳаҷми зарурии сармоягузорӣ вобаста ба пайдарпаии сохторҳои мухталиф ва объектҳо, марҳила ва сарчашмаҳои маблағгузорӣ муайян намояд. Аз рӯйи сохтор, давраҳо ва динамикаи оптималии инкишофи маҷмааи сайёҳӣ дар самтҳои гуногун ҳаҷми маблағгузории рушд муайян карда мешавад.

Хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқотии дар диссертатсия овардашуда (саҳифаҳои 147-151), хулосаҳои ҷамъбастии боби якум аз панҷ банд (саҳифаи 54), боби дуюм аз панҷ банд (саҳифаи 97),

боби сеюм дар чор банд (саҳифаи 146) дар тақвияти ҷанбаҳои амалии кори илмӣ асоснок карда шуда ва истифодаи он дар назарияи амсиласозии равандҳо ва татбиқи амалӣ дар раванди рақамикунонии иқтисоди миллӣ, аз он ҷумла иқтисодиёти минтақа самарабахш ва эътимоднок мебошад. Ин гуна натиҷагирӣ саҳми назариявию амалии муаллифро ба намоиш меоварад.

**4. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия ва тавсияҳои илмӣ.**

Аҳаммияти илмии диссертатсия дар рушди минбаъдаи назарияи амсиласозии иқтисодӣ ва математикӣ дар соҳаи рушди комплекси сайёҳӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, истифодаи оптималӣ гардонидани динамикӣ, таҳлили фракталӣ дар ташаккул ва пешниҳоди як қатор хизматрасонӣ дар бозори маҳсулоти сайёҳӣ ва тақсимоти маблағҳои сармоягузорӣ барои рушди маҷмааи сайёҳӣ мебошад.

Дар ин маврид муаллиф дуруст қайд менамояд, ки: "аламсиласозӣ ва оптималӣ гардонидани рушди сайёҳӣ таъмин мегардад агар- мафҳумҳои маҷмуи сайёҳӣ, маҳсулоти сайёҳӣ, масъалаҳои иқтисодӣ ва потенсиали сайёҳӣ муайян ва арзёбӣ гардад; мавқеи соҳаи сайёҳӣ дар низоми иқтисодиёти миллӣ ва таъсири иҷтимоӣ - иқтисодии он ба ҷамъият муайян гардад; барои ҳалли масъалаҳои рушди маҷмааи сайёҳӣ амсилаҳои иқтисодӣ - математикии ҷойдошта, ё такмил намудани онҳо, ё коркарди амсилаи зарурии иқтисодӣ-математикӣ вобаста аз натиҷаи таҳлили амсилаҳои рушди сайёҳӣ, таснифи амсилаҳои фаъолияти сайёҳӣ асоснок ва мавриди истифода қарор дода шаванд; амсилаи тавсияшуда, вобаста аз манбаъҳои сармоягузорӣ тақсимоти маблағҳоро барои рушди комплекси сайёҳӣ ва аз нав сармоягузории фоидаҳоро дар соҳаи сайёҳӣ таъмин намояд; барои дастгирии барномаҳои рушди сайёҳӣ ва фароҳам овардани шароити мусоиди иқтисодӣ тадбирҳои мушаххас тавсия гардад" (саҳ.7) ин гуна тавсияҳо дар таҳия ва пешкаш намудани амсилаю алгоритмҳои мушахас аҳамияти махсус доранд.

Уновонҷӯ оид ба муносибатҳои иқтисодии оптималӣ гардонии рушди маҷмааи сайёҳиро асоснок намуда, оид ба зарурати амсиласозии равандҳои

рушди ин соҳа ибрози ақида менамояд, ки ҷолиби диққатанд. Таҳияи меъёрҳои иқтисодии оптималигардонии рушди маҷмааи сайёҳӣ, амсила ва алгоритми оптималигардонии рушди сайёҳӣ, таҳияи амсилаи динамикии рушди маҷмааи сайёҳӣ (с. 55-97).

Маҳдудиятҳои тавсифии муаллиф ба монанди ба назар гирифтани иқтидори мавҷуда, балансҳо оид ба ташкил ва самтҳои истифодаи маблағгузорӣ, доир ба воридоти бақияи маблағгузорӣ ва ҷараёни сайёҳонро ба пуррагӣ дар бар гирифтааст (с. 68). Барои тахасусмандии ширкатҳои сайёҳии фаъолиятбаранда, тавассути таҳлили ҳаматарафаи нишондиҳандаҳои онҳо муаллиф алгоритми гурӯҳбандӣ таҳия намуда, ширкатҳои сайёҳии вилояти Суғдро ба се гурӯҳ ҷудо намудааст (с. 134-135).

Ҳамчунин, таҳлили коррелиатсионии таҳаввулоти соҳаи сайёҳӣ аз ҷиҳати амсилаи мутобиқату таназзул аз руи мустақилияти вазифавӣ: хаттӣ, зинавӣ, гиперболӣ аз ҷониби муаллиф мавриди таҳлили дуруст қарор дода шудааст. Дар ин радиф омилҳои таъсиррасон дар марҳилаҳои гуногуни шакли амсилаҳои эконометрикӣ пешниҳод карда шудаанд.

Аҳамияти амалӣ ва иқтисодии диссертатсия дар амсилабандии рушди маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд зоҳир шудааст (саҳифаи 98-146). Таҳлил нишон медиҳад, ки сармоягузорӣ ба соҳаи сайёҳӣ ба зудӣ барнамегардад, чуноне, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад ин хусусияти соҳа мебошад.

Давраҳои иҷроиши нақшаи кори илмӣ, таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсадҳои гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудаанд. Дар раванди таҳқиқот муаллиф раванди ташаккули соҳаи сайёҳӣ ва танзими давлатии соҳаи мазкурро мавриди омӯзиш қарор дода, роҳҳои баландбардории самаранок истифодабарии маҷмааҳои сайёҳӣ, коркард ва самтҳои афзалиятноки онро дар кишвар таҳия намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли хулоса ва тавсияҳо дар мақолаҳои илмӣ пешниҳод гардидаанд.

### 5. Нашри натиҷаҳои диссертатсия.

Таҳқиқоти диссертасионии донишҷӯ дар як қатор маҷаллаҳои илмии тақризшаванда нашр гардиданд, ки давоми мантиқиии кори анҷомгардида мебошад. Илова бар ин муқаррароти натиҷаҳои асосии диссертасия дар 15 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаву нашрияҳои мансуб ба нашрияҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Маҷмуан, ҳаҷми корҳои илмии чопгардида вобаста ба мавзуи диссертатсия 5,6 ҷ.ч-ро ташкил медиҳад, ки тибқи талаботҳои мавҷуда буда муҳтавои асосии паҳлуҳои гуногуни диссертатсияро инъикос менамояд.

### 6. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.

Диссертатсияи унвонҷӯ дар заминаи муқаррароти низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, муқадима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври мукаммал муҳтавои диссертатсияро дар бар гирифта, асосҳои илмӣ ва амалии онро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд. Ғайр аз ин як қатор меъёрҳои дигари диссертатсия: ҳаҷм, ҷадвалу диаграммаҳо, адабиёти истифодашуда ва монанди инҳо аз тарафи унвонҷӯ ҳангоми таҳияи диссертатсия низ риоя гардидаанд.

### 7. Камбудиҳои таҳқиқоти диссертасионӣ

Новобаста ба муваффақияту комёбиҳои таҳқиқоти диссертасионии унвонҷӯ, ки дорои арзиши баланди илмӣ мебошад, як қатор камбудию норасоиҳоро низ мушоҳида кардан мумкин аст, ки онҳо арзиши баланди

таҳқиқотро коста наменамоянд. Аз ин лиҳоз, ислоҳи норасоӣ ва камбудиҳои мазкур моҳияти амалию методологии диссертасияро беҳтар менамуданд:

1.Дар диссертатсия иқтибосҳо ба корҳои илмии олимони ватанӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда кам оварда шудаанд.

2.Таҷрибаи пешқадами хориҷӣ, ки ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ ва амсилаҳои корбурдшудаи онҳо маълумоти аниқ пешниҳод мешуд, арзиши илмию амалии таҳқиқот боз баланд мешуд.

3. Дар амсилаи иқтисодӣ-математикии таҳия карда шуда, хуб мешуд алоқаи байнисоҳавии маҷмааи сайёҳӣ бо дигар соҳаи хоҷагии халқ нишон дода шавад.

4. Дар диссертатсия оид ба омилҳои ба тараққиёти маҷмааи сайёҳӣ таъсиррасонандаи манфӣ диққати кам зоҳир карда шудааст. Хуб мешуд, ки ба ин гуна омилҳо дар оянда бештар аҳамият дода шавад.

5. Муаллиф оид ба самтҳои инкишофи танзими давлатии рушди сайёҳӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ибрози ақида кардааст, дар ин бобат хуб мешуд усулҳо ва фишангҳои давлатӣ васеътар арзёбӣ карда шаванд.

6. Баъзе аз вожаҳо ва ибораҳо дар диссертатсия таҳрирталаб мебошанд.

Эродҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро коҳиш намедиҳанд.

Автореферати тақризшаванда муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро пурра инъикос менамояд.

## 8. Хулосаи умумӣ доир ба диссертасия

Диссертатсияи Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзуи «Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.09 – "Усулҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт" пешниҳод шудааст, таҳқиқоти илмии тахассусии ба итмом расидаи фарогири масъалаҳои муҳим барои рушди соҳаи сайёҳӣ буда, мустақилона таълиф

гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмиро доро буда, саҳми шахсии Сабуров Ихтиёр Муҳидиновичро дар амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавӣ нишон медиҳад.

Гуфтан зарур аст, ки диссертатсияи Сабуров Ихтиёр Муҳидинович ба талаботҳои Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст. Муаллифи диссертатсия Сабуров Ихтиёр Муҳидинович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи 08.00.09 – "Усулҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт" сазовор мебошад

**Муқарризи расмӣ:**
Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи технологияи иттилоотӣ
ва ҳифзи маълумоти Донишгоҳи техникии
Тоҷикистон ба номи акад. М. Осимӣ А.Ш. Назаров

Имзои А.Ш. Назаровро тасдиқ мекунам.
Сардори ШК ва КМ Д.А. Шарипова